Вазорати рушди иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ПРЕСС- РЕЛИЗ
оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти вазорат дар нимсолаи якуми соли 2026

Дар моҳҳои январ-июни соли 2026 тамоюлҳои ноустувори иқтисодӣ дар ҷаҳон ва минтақа, аз ҷумла таъсири таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, канда шудани занҷираҳои истеҳсолу интиқоли маҳсулот, баҳсу низоҳо вобаста ба ҷорӣ намудани боҷҳои гумрукӣ байни давлатҳои абарқудрат, тағйирёбии нархҳои молу маҳсулот дар бозорҳои ҷаҳонӣ, бахусус нархи маҳсулоти нафтӣ ва ниёзи аввал, инчунин пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва шиддат гирифтани вазъи сиёсӣ дар кишварҳои Ховари Миёна идома ёфт.

Новобаста аз таъсир ва пайомадҳои манфии равандҳои ҷаҳонию минтақавӣ дар нимсолаи якуми соли 2026 рушди мусбии иқтисоди миллӣ таъмин гардид.

Ҳамин тариқ дар нимсолаи якуми соли 2026 суръати рушди воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 8,2 фоизро ташкил дода, ҳаҷми он ба 81,7 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,8 млрд. сомонӣ зиёд аст.

Суръати рушди иқтисоди миллӣ дар ин давра асосан аз ҳисоби зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 14,1 фоиз, кишоварзӣ 7,2 фоиз, хизматрасонии пулакӣ 10,6 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 18,4 фоиз, гардиши савдо 26,1 фоиз, боркашонӣ 14,7 фоиз ва мусофиркашонӣ 8 фоиз таъмин гардид.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2026-ум таваррум 2,4 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,6 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Дар ин давра таваррум асосан аз ҳисоби болоравии нархҳои маҳсулоти озуқа 2,6 фоиз, маҳсулоти ғайриозуқа 1,7 фоиз ва арзиши тарофаҳои хизматрасонӣ 3,8 фоиз ташаккул ёфтааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2026 ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва таъмини талаботи бозор бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нав, истифодаи пурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва содиротӣ, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ як қатор тадбирҳо амалӣ гардиданд.

Дар давраи ҳисоботӣ 191 корхонаи нави саноатӣ бо 1160 ҷойҳои корӣ мавриди истифода қарор дода шуданд, аз ҷумла дар вилояти Суғд 65 корхона (453 ҷойҳои нави корӣ), вилояти Хатлон 46 корхона (414 ҷойҳои нави корӣ), ВМКБ 28 корхона (85 ҷойҳои нави корӣ), шаҳри Душанбе 22 корхона (114 ҷойҳои нави корӣ) ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеъ 30 корхона (94 ҷойҳои нави корӣ) ба фаъолият оғоз намуданд.

Рушди соҳаи саноати кишвар аз ҳисоби 26 фоиз афзудани саноати коркард, 16,8 фоиз таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво ва 29,7 фоиз

таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа таъмин гардидааст.

Истеҳсоли неруи барқ дар нимсолаи якуми соли 2026-ум 11655,6 млн. кВт. соатро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 156,8 млн. кВт. соат ё 1,3 фоиз кам таъмин гардид.

Соҳаи кишоварзӣ бахши муҳимтарини иқтисоди миллӣ ба ҳисоб рафта, аҳолиро ба маҳсулоти ғизоӣ ва соҳаи саноатро ба ашёи хом таъмин менамояд ва дар нимсолаи якуми соли 2026 ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда як силсила тадбирҳо амалӣ гардиданд.

Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 7,2 фоиз зиёд шуда, ба 28831,3 млн. сомонӣ баробар гардид.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим ва инъикоскунандаи шароити мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар ва амалӣ гардидани тадбирҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла бунёди муҳимтарин иншоотҳои инфрасохтории иҷтимоию иқтисодӣ, ин ҷалби сармоягузориҳо ва маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Ба ҳолати 1-уми июли соли 2026 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 89 лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда ба маблағи умумии 51,6 млрд. сомонӣ (5631,6 миллион доллари ИМА) татбиқ гардид истодааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2026 дар соҳаи нақлиёт барои ноилшавӣ ба ҳадафи стратегии кишвар – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, табдил ба кишвари транзитӣ, зиёд намудани ҳаҷми боркашонӣ, мусофиркашонӣ ва беҳтар шудани сатҳи некӯаҳволии мардум як қатор тадбирҳо амалӣ гардиданд.

Дар ин давра тавассути ҳама намуди нақлиёт 76,5 млн. тонна бор кашонида шуда, нисбат ба нимсолаи якуми соли 2025-ум 14,7 фоиз зиёд мебошад, аз ҷумла бо нақлиёти автомобилӣ 15 фоиз, бо нақлиёти роҳи оҳан 9,9 фоиз ва бо нақлиёти ҳавоӣ 11,1 фоиз ба қайд гирифта шудааст.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2026 ҳаҷми умумии гардиши савдои дохилӣ 43562,2 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 26,1 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар моҳҳои январ-июни соли 2026 15845,6 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,6 фоиз афзоиш ёфтааст.

Аз ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ 69,8 фоиз ё ба маблағи 11057,3 млн. сомонӣ ба аҳолии кишвар расонида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 9,1 фоиз зиёд мебошад.

Дар доираи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳавасмандгардонии содирот, таъмин намудани гуногуншаклии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва содагардонии расмиёти савдо дар нимсолаи якуми соли 2026 корҳои амалӣ идома ёфт.

Дар моҳҳои январ-июни соли 2026 гардиши савдои хориҷӣ 6820 млн. доллярро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 44,2 фоиз ё 2088,9 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

Дар ин давра содирот ба 1580 млн. доллар баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2025-ум 65,4 фоиз ё 624,7 млн. доллар афзоиш ёфтааст.

Воридоти мол бошад дар моҳҳои январ-июни соли 2026-ум 5240 млн. доллярро ташкил дода, нисбат ба моҳҳои январ-июни соли 2025-ум 38,8 фоиз ё 1464,2 млн. доллар зиёд гардидааст.

Фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо

Фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар нимсолаи якуми соли 2026 ба иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар паём ба Маҷлиси Олӣ «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ироа гардидаанд, нақшаю чорабиниҳо ва қарорҳои Ҳукумати кишвар оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии қабулшуда, густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, таҳлили вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, дарёфти роҳҳои муосири пешгирии таъсири омилҳои манфии беруна ва таъмини тамоюли мусбати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шуд.

Вазорат дар ин давра бо мақсади таъмини рушди нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ таҳлилҳо гузаронида, ҳар моҳ гузоришҳо оид ба вазъи нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва ҳар ҳафта маълумотномаи таҳлилӣ доир ба рӯйдодҳои иқтисодии ҷаҳон, аз ҷумла вазъи бозорҳои ҷаҳонии молиявию ашёӣ ва раванди иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ омода ва ба Ҳукумати кишвар ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард.

Бо мақсади коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ тибқи Нақшаи баргузории ҷаласаҳои Ситоди байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии амалишавии сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ барои соли 2026 дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ бо иштироки вазорату идораҳои дахлдор ду ҷаласаи Ситод баргузор шуд.

Дар ин давра вазорат 20 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва барои баррасӣ пешниҳод намуд, ки аз онҳо 11 лоиҳа қабул гардида, 3 лоиҳа дар баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва 6 лоиҳа дар баррасии вазорату идораҳои дахлдор қарор доранд

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби вазорат лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2026-2027» таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 марти соли 2026, №178 қабул гардид.

Инчунин вазорат лоиҳаҳои «Тартиби таҳия ва тасҳеҳи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Тартиби мониторинг ва

арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои такмил дода, барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки дар натиҷа қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби мониторинг ва арзёбии ҳуҷатҳои банақшагирии стратегӣ» аз 26 июни соли 2026, №405 тасдиқ гардид.

Бо фармоиши вазорат аз 19 феврали соли 2026, №13 Гурӯҳи корӣ байниидоравӣ оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соли 2026 таъсис дода шуда, дар нимсолаи якуми соли 2026 ҳолати иҷрои 11 ҳуҷҷати банақшагирии стратегии сатҳи соҳавӣ баррасӣ гардид.

Санаи 25 феврали соли 2026 таҳти ҳамраисии Вазири рушди иқтисод ва савдо ва Ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон бо иштироки роҳбарияти вазорату идораҳо, ниҳодҳои кишварии СММ ҷаласаи Кумитаи муштараки роҳбарикунанда ҷиҳати таҳияи лоиҳаи Барномаи нави ҳамкории Ҳукумат бо СММ оид ба рушди устувор ва баррасии афзалиятҳои ҳамкориҳо бо ниҳодҳои давлатии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар доираи лоиҳаи «Як деҳа - як маҳсулот» аз ҷониби вазорат дар ҳамкорӣ бо Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Ҷопон охири моҳи январи соли 2026 ифтитоҳи расмии аввалин мағозаи бренди миллии «Тоҷикзамин» дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Дар нимсолаи якуми соли 2026 вазорат вобаста ба рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти онҳо як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Дар давраи ҳисоботӣ вазорат дар самти ҳамкориҳои дуҷониба бо мамлакатҳои хориҷаи дуру наздик ва ташкилотҳои байналмилалӣ як қатор корҳои назаррасро роҳандозӣ намуд.

Санаи 13 феврали соли 2026 ҷаласаи нахустини Шӯрои байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон таҳти роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва Раиси Девони Вазирон - Роҳбари Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Адилбек Касималиев дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор шуд.

Инчунин 17 феврали соли 2026 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 13-уми Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон таҳти ҳамраисии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва Сарвазири Ҷумҳурии Узбекистон Абдулло Орипов ва намояндагони вазорату идораҳои дахлдори ҳар ду кишвар баргузор гардид.

Дар нимсолаи якуми соли 2026 ба вазорат 9521 (соли 2025 - 8120) адад мактуб, аз ҷумла 2600 адад аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6180 адад аз вазорату идораҳо, 253 адад лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, 134 адад аз муассисаҳои зертобеъ, 205 адад аз кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, 35 адад аризаву мурочиати шаҳрвандон ворид гардиданд.

Бо назардошти талаботи мактубҳои воридшуда аз ҷониби вазорат 3240 адад мактуби ҷавобӣ бо таклифу пешниҳодҳо ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳо ирсол карда шуд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 фармоиши вазорат оид ба фаъолияти асосӣ, аз ҷумла 5 фармоиши назоратӣ таҳия гардид, ки рафти иҷрои онҳо таҳти назорати доимии роҳбарияти вазорат қарор доранд.

Бо мақсади муаррифии дастовардҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ва дастрас гардидани ҳуҷҷатҳои стратегӣ ба ҷомеа дар сомонаи вазорат навсозии маълумот мунтазам амалӣ гардида, дар нимсолаи якуми соли 2026 вобаста ба вохӯриҳо ва сафарҳои дохилию хориҷии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин 140 хабар оид ба мулоқоти роҳбарияти вазорат бо намояндагони созмонҳои байналмилалии иқтисодию молиявӣ, сафирони кишварҳои хориҷӣ ва дигар чорабиниҳои вазорат ҷойгир карда шуданд.

Дар ин давра ба 21 муроҷиати намояндагони воситаҳои ахбори оммаи дохилию хориҷӣ вобаста ба гирифтани маълумот доир ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз ҷониби мутасаддиён дар муҳлатҳои муайяншуда ҷавоб гардонида шуд.

Вазорат ҷиҳати иҷрои дастури супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар доираи вазифаҳои низомномавии худ минбаъд низ тадбирҳои зарурӣ андешида, натиҷаашро тибқи тартиби муқарраргардида дар сомонаи вазорат ва расонаҳои чопию интернетӣ ба нашр мерасонад.

Рақам барои тамос:221-62-08;
https://egov.tj/site/rushdiiktisod?lang=tg; info@medt.tj.
Барои қайд: